ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ

МИКРОКРЕДИТНЫЙ ФОНД

**MICRO LENDING FUND**

*"РУШДИ СУҒД"*

*«РУШДИ СУГД»*

***«RUSHDI SUGHD»***


735700, Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, кӯчаи К.Хуҷандӣ-83
735700,Таджикистан, Согдийская область, г.Худжанд, улица К.Худжанди-83
735700, Tajikistan, Sughd Region, Khujand, K.Khujandi street- 83.
Телефон : Директор - +992927402368


Фонди Қарзии Хурди
"Рушди Суғд"
СОДИРОТӢ № 24
«04» апрели 2024

Ба КВД "Маркази хизматрасонии маҳфуздорандаи ҳисоботи молиявӣ"-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**МАКТУБ**

Раёсати Фонди Қарзии Хурди "Рушди Суғд" ба Шумо ҳисоботи молиявии Фондро дар якҷоя бо хулосаҳои аудиторӣ, ки мутобиқи стандартҳои байналмилалии барои соли дар санаи 31-уми декабри соли 2023 хотима ёфта таҳия гардидааст, дар замима ирсол менамояд.

Замима: ҳисоботи молиявӣ, ки мутобиқи стандартҳои байналмилалии барои соли дар санаи 31-уми декабри соли 2023 хотима ёфта дар 23 (бисту се) саҳифа.

Директори
ФҚХ "Рушди Суғд": ____________ Абдуназаров У. Ш.


e-mail: *info@rushdisughd.tj*

# ҲИСОБОТИ ТАВОЗУНИИ ФҚХ " Рушди Суғд"
## ба 31 декабри соли 2023 (Солона ба таври ислоҳшуда)

| | Маблағ, *сомонӣ* | |
|---|---|---|
| ДОРОИҲО | | |
| Касса - пули миллӣ | (10101) | 393 |
| Пули дар роҳ буда - пули миллӣ | (10111) | |
| Суратҳисоби муросилотии бонкҳо дар Тоҷикистон - пули миллӣ | (10501) | 1548 |
| Қарзҳо ба соҳибкории хурд ва миёна | (10912) | 29425 |
| Қарзҳо ба шахсони воқеӣ - пули миллӣ (Қарзҳои истеъмолӣ) | (10913) | 778525 |
| Карзҳои муҳлатгузаштаи шахсони воқеӣ - пули миллӣ | (10923) | 344785 |
| Дигар қарзҳо | (10925) | 4348399 |
| Фонди махсус аз рӯи қарзҳои шахсони воқеӣ-пули миллӣ | (10989) | -51791 |
| Қарзҳои тамдидшудаи шахсони воқеӣ - пули миллӣ | (11113) | |
| Қарзҳои тамдидшудаи мӯҳлатгузаштаи корх. кишоварзӣ-пули миллӣ | (11121) | 24277 |
| ФПТИ аз руи карзхои мӯҳлатгузаштаи корхонахои кишоварзӣ | (11185) | -3642 |
| Қарзҳои тамдидшудаи мӯҳлатгузаштаи шахс. вокеӣ-пули миллӣ | (11123) | 3345 |
| ФПТИ аз рӯи қарзҳои тамдидшудаи мӯҳлатгузаштаи ш. воқеӣ | (11189) | -502 |
| Саҳмияҳои корх. Тоҷикистон барои сармоягузории дарозмӯҳлат | (15137) | 23600 |
| Ҳуқуқи иҷора ва такмил | (15915) | 59965 |
| Беэътиборсозии истеҳлокии ҷамъшуда – ҳуқуқи иҷора ва такмил | (15917) | -30439 |
| Мебел, асбоб ва таҷхизот | (15923) | 189117 |
| Фарсоиши хисобкардашудаи чамъшуда-мебел, асбоб ва таҷҳизот | (15925) | -171476 |
| Гаравҳо барои бозфурӯш | (15935) | 151349 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | (15943) | 42179 |
| Истеҳлоки дороиҳои ғайримоддӣ | (15945) | -42179 |
| Лавозимоти истифоданашудаи дафтардорӣ ва дигар лавозимот | (17513) | 4583 |
| Харочоти каблан пардохтшуда бо пули миллӣ | (17517) | 152 |
| Фоизи хисобшуда барои гирифтан-пули миллӣ | (17531) | 73578 |
| Дороҳиҳои гуногун-бо пули миллӣ | (17555) | |
| Пешпардохти изофаи андоз | (17559) | 40271 |
| Ҳамаи АКТИВХО: | | 5815462 |
| ӮҲДАДОРИХО | | |
| Андоз аз фоида барои пардохт | | |
| Даромади амалӣнашуда аз фурӯш/ мубодилаи дороиҳо | (24806) | 1535 |
| Хисобхои дигар барои пардохт - пули милли | (26202) | 4092 |
| Иҷорапулӣ барои пардохт | (26208) | 240 |
| Ҳақгузорӣ ба Фонди ҳифзи иҷтимоӣ барои пардохт | (26210) | 3521 |
| Дигар ӯҳдадориҳо - пули миллӣ | (26226) | 26000 |
| Дигар андозҳо ба буҷети давлатӣ | (26230) | 125933 |
| Ҳамаги ӮҲДАДОРИХО: | | 161321 |
| САРМОЯ | | |
| Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта | (30305) | 2898993 |
| Фоида/зарари соли гузашта | (30307) | 92483 |
| Захира барои амалиёти ояндаи ташкилот | (30309) | 1304855 |
| Захираи умуми аз фоида (2%) | (30315) | 103127 |
| Сармояи изофа | (30601) | 1203732 |
| Захираи азнавбаходихии воситаҳои асосӣ | (31503) | 8109 |
| Фоида/зарари соли ҷорӣ | (31701) | 42842 |
| Ҳамаги САРМОЯ: | | 5654141 |
| Ҳамаги пассивҳо ва сармоя: | | 5815462 |

Директори Фонд Абдуназаров У

Сармуҳосиб З. Норова

## ҲИСОБОТ

дар бораи фоидаву зиёни ФҚХ "Рушди Суғд" ба 31 декабри соли 2023

(Солона ба тавриислоҳшуда)

| | | |
|---|---|---|
| Даромади фоизи аз карзхои шахсони вокеи | (40222) | 1 413 477 |
| Чамъан даромад аз фоизхо: | | 1 413 477 |
| Дигар даромадҳои фоизи | (40238) | 782 |
| Даромад аз бозгашти дороихои аз хисоб хоричшуда | (42802) | |
| Дигар даромадхо | (42894) | 700 |
| Даромад аз хисоби баркарорсозии арзиши карзхо | (44204) | 1 315 |
| Даромад аз амалиёти ислоҳии солҳои гузашта | (42814) | 125 |
| Чамъан даромади бефоиз | | |
| Чамъан даромади фоизи ва бефоиз: | | 1 416 399 |
| Дигар хароҷотҳо барои хизматрасонӣ/ҳакгузорӣ | (51595) | 274 |
| Маош ва музди кор | (53501) | 774 228 |
| Иловапардохт ба шахсони вазифадор ва кормандон | (53503) | 108 319 |
| Хакгузори ба фонди хифзи ичтимои | (53505) | 179 791 |
| Ҳаққи хизмати аудиторҳои берунӣ | (53701) | 26 000 |
| Пардохти ҳаққи хизмати ҳуқуқшиносон | (53705) | 15 845 |
| Пардохти дигар хизматрасониҳои касбӣ/пардохтҳои мунтазам(бтк) | (53795) | 4 106 |
| Дигар ҷарима ва ҷаримаҳои аҳдшиканӣ | (53901) | 2 040 |
| Андози фонди роҳ | (55101) | |
| Андози арзиши илова | (55103 | |
| ФПТИ аз рӯи гаравҳо барои бозфурӯш | (57128) | |
| Дигар андозҳо ва иҷозатномаҳо | (55195) | 2 108 |
| Хисобкунии фарсоиш-мебел, асбоб ва тачхизот | (55509) | 13 655 |
| Хисоб кардани фарсоиши дороихои ғайримоддӣ | (55515) | 3 466 |
| ФПТИ аз ссудахо | (57103) | 42 480 |
| ФПТИ аз руи фоизхои баътахирафтода | (57134) | 4 578 |
| Хароҷоти иҷорапулӣ | (57501) | 85 837 |
| Харочоти истифодаи об, неруи барк ва гарми | (57505) | 10 461 |
| Харочоти техникаи иттилооти | (57507) | 8 623 |
| Хароҷоти таъмир ва муоинаи техникӣ | (57509) | 2 390 |
| Харочоти сӯзишвори ва маводи сӯхту равганкори | (57511) | 13 005 |
| Хароҷоти сафарҳои хидматӣ ва нақлиёт | (57513) | 9 298 |
| Харочоти алока | (57517) | 4 380 |
| Молҳои дафтардорӣ ва дигар лавозимот | (57519) | 9 395 |
| Хароҷоти обуна | (57521) | 393 |
| Харочоти реклама ва хабардорнамоӣ | (57523) | 50 |
| Хароҷоти намояндагӣ ва чорабиниҳои фарҳангӣ | (57525) | 100 |
| Ҳаққи узвият ва ҳақгузорӣ | (57527) | 4 000 |
| Кӯмакпулӣ | (57529) | |
| Хадамоти хатрасони | (57531) | 7 520 |
| Хароҷоти мурофиаи судӣ/харидани дороиҳо | (57533) | 420 |
| Аз эътибор соқидкунии воситаҳои асосӣ | (57537) | 1 458 |
| Дигар харочотҳо | (57595) | 6 080 |
| Чамъан харочоти фоизӣ ва бефоиз: | | 1 340 300 |
| Андоз аз фоида | (57133) | 33 257 |
| Ҷамъан харочотхо | | 1 373 557 |
| Фоидаи (зиёни) соф дар давра: | | 42 842 |

Директори Фонд — Абдуназаров У

Сармуҳосиб — З. Норова

# ФОНДИ ҶАМЪИЯТИ
# ФОНДИ ҚАРЗИИ ХУРДИ
# «РУШДИ СУҒД»

**ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ,**
КИ МУТОБИҚИ СТАНДАРТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ
БАРОИ СОЛИ ДАР САНАИ 31-уми ДЕКАБРИ
2023 ХОТИМАЁФТА ТАҲИЯ ГАРДИДААСТ.

**МУНДАРИҶА**


ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 3

ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ ..... 4

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ ..... 7

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД ..... 8

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ГАРДИШИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ..... 9

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯИ ХУДӢ ..... 10

ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ ..... 11

## ТАЪКИДИ РОҲБАРИЯТ ДАР БОРАИ МАСЪУЛИЯТИ ТАҲИЯ ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ БАРОИ СОЛИ ҲИСОБОТИИ ДАР САНАИ 31-УМИ ДЕКАБРИ СОЛИ 2023 ХОТИМАЁФТА

Таъкиди зерин бояд бо зикри ӯҳдадориҳои аудиторҳо, ки дар саҳифаи 4–и ҳисоботи аудиторҳои мустақил оварда шудааст, чун ҳудудгузорӣ ё фарқияти байни масъулияти аудиторҳо ва роҳбарият дар бобати ҳисоботи молиявии ФҚХ «Рушди Суғд» (минбаъд дар матн чун Фонд зикр мешавад) ҳисобида шавад.

Роҳбарияти Фонд барои таҳияи ҳисоботи молиявӣ, ки эътимоднокии тамоми ҷанбаҳои вазъияти молиявӣ, натиҷаи фаъолият, гардиши маблағ ва тағйирот дар сармояи Фонд тайи соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2023 хотимаёфтаро мутобиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (минбаъд чун СБХМ зикр мегардад) инъикос менамояд, масъул мебошад.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарият масъулияти амалҳои зеринро бар ӯҳда доранд:

- Интихоби усулҳои муносиби баҳисобгирии муҳосибавӣ ва истифодаи мунтазами онҳо;
- Риоя кардани талаботи СБХМ ва шарҳ додани ҳамагуна инҳирофҳои назаррас аз меъёрҳои СБХМ дар эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ;
- Таҳия намудани ҳисоботи молиявӣ бо назардошти эҳтимолияти он ки Фонд дар оянда фаъолияти худро идома хоҳад дод, ба истиснои мавридҳое, ки чунин эҳтимол ғайриқонунӣ бошад.

Роҳбарият ҳамчунон барои амалҳои зерин масъул аст:

- Таҳия, амалисозӣ ва таъмини фаъолияти самарабахш ва боэътимоди низоми назорати дохилии Фонд;
- Нигаҳдории ҳисобдорӣ дар сатҳи зарурие, ки имконияти дар вақти лозими ба таври дақиқ маълумот дар бораи вазъияти молиявии Фонд омода менамояд ва мутобиқати ҳисоботи молиявиро бо талаботхои СБХМ таъмин менамояд;
- Ба роҳ мондани ҳисобдорӣ мутобиқи қонунгузорӣ ва стандартҳои ҳисобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Дар чорчӯбаи салоҳияти худ андешидани чораҳо барои ҳифзи дороиҳои Фонд;
- Ошкор ва пешгирӣ намудани ҳодисаҳои қаллобӣ, иштибоҳ ва дигар сӯиистифодаҳо.

Ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҳисоботии дар санаи 31-уми декабри соли 2023 анҷомёфта аз тарафи Роҳбарияти Фонд тасдиқ гардидааст.

**Аз номи ФҶ ФҚХ «Рушди Суғд»:**

Директор Абдуназаров У.Ш.

Сармуҳосиб Норова З. Ҳ.

Ҷумҳурии Тоҷикистон
Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди
«Аудит-Консалтинг»

Republic of Tajikistan
Limited Liability Company
«Audit-Consulting»

735700, Хуҷанд, х. И.Сомонӣ 4, e-mail: auditcons-tj@mail.ru
РМА510015569, РЯМ5110005496

4, I.Somoni str., Khujand city, 735700. e-mail: auditcons-tj@mail.ru
TIN510015569, UIN5110005496

## ХУЛОСАИ АУДИТОРИ МУСТАҚИЛ

***Ба Роҳбарияти Фонди Ҷамъиятии " Фонди Қарзии Хурди «Рушди Суғд»***

*Хулоса*

Мо тафтиши аудитории ҳисоботи молиявии замимагардидаи ФҚХ «Рушди Суғд»-ро (минбаъд Фонд), ки аз ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба 31 декабри соли 2023, ҳисобот оиди маҷмуи даромад, ҳисобот оиди тағйирот дар сармоя ва ҳисобот оиди ҳаракати воситаҳои пулӣ иборат аст гузаронидем, ки дар соли нишондодашуда ба анҷом мерасад ва инчунин тавсифи унсурҳои муҳими сиёсати баҳисобгирӣ ва эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявиро дар бар мегирад.

Ба ақидаи мо, ба истиснои таъсири эҳтимолии ҳолате, ки дар банди "Асос барои изҳори ақидаи аудиторӣ бо тавзеҳ" оварда шудааст, аз ҳамаи ҷиҳатҳои назаррас ҳолати молиявии ФҚХ «Рушди Суғд»-ро ба санаи 31-уми декабри соли 2023, натиҷаҳои фаъолияти он ва ҳаракати воситаҳои пулиро барои соле, ки дар таърихи зикргардида анҷом меёбад дар мутобиқат бо Стандартҳои Ҳисоботи Молиявии Байналмиллали дуруст инъикос менамояд.

*Асос барои изҳори ақидаи аудиторӣ бо тавзеҳ*

Дар эзоҳи 3.3 ва 4.2 ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2023 Фонд аз рӯи қарзҳои додашуда , ки 5 528 550 сомониро (муҳлатгузаштаи он 372 408 сомони) ташкил медиҳад, захира барои зарари эҳтимолии қарзи (ФПТИ) сомони мувофиқи Сиёсати муҳосибӣ ҳамагӣ ба маблағи 55 934 сомони ташаккул додааст ва аз рӯи эзоҳи 4.4 Гаравҳо барои Фурӯш ба маблағи 151 349 сомони захира ташаккул надодааст, ки он ба СБҲМ-и 9 "Воситаҳои молиявӣ" ва Дастурамали № 215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодабарии захираҳо барои ФПТИ аз рӯи дороиҳо"-и БМТ мувофиқ нест. Ба андешаи мо, таъсири ин номувофиқӣ аз СБҲМ ва Дастурамали № 215-и БМТ ба арзиши одилонаи дороиҳо, заҳираҳо барои зарари эҳтимолии қарзи ва фоидаи тақсимнашуда, ки дар ҳисоботи молиявии нишон дода шудаанд, назаррас мебошад.

Мо тафтишоти аудитириро мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Аудит гузаронидем. Ӯҳдадории мо мувофиқи ин стандартҳо дар қисми «Маъсулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявӣ» нишон дода шудааст. Мо нисбати ФҚХ мувофиқи "Кодекси ахлоқ ва одоби аудиторони касбӣ"-и Шӯрои оиди стандартҳои байналмиллалии ахлоқу одоби муҳосибон ва талаботҳои этикӣ, ки ба аудити ҳисоботи молиявии моён дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таалуқ дорад, мустақил ҳастем, ва дигар ӯҳдадориҳоро мувофиқи ин талаботҳо иҷро намудем. Мо чунин мешуморем, ки далелҳои аудитории аз тарафи мо ба даст оварда шуда, барои изҳори ақидаи аудитории мо кифоя ва муносиб мебошад.

*Масъалаҳои муҳими аудит*

Масъалаҳои муҳими аудит –ин масоиле мебошанд, ки онҳо мутобиқи муҳокимаи касбии мо барои аудити ҳисоботи молиявии мазкур барои соли ҷорӣ бештар муҳим арзёбӣ гардидаанд. Ин масъалаҳо дар матни ҳисоботи молиявии мо дар маҷмӯъ ва ҳангоми ташаккулёбии ақидаи мо дар бораи ин ҳисобот баррасӣ гардидаанд. Мо ақидаи алоҳидаро вобаста ба масъалаҳои мазкур изҳор наменамоем.

*Масъулияти роҳбарият оиди ҳисоботи молиявӣ*

Масъулият нисбати таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии мазкур мувофиқи Стандартҳои Байналмиллалии Ҳисоботи Молиявиро роҳбарияти Фонд ба ӯҳда дорад. Ин масъулият: тартибдиҳӣ, воридкунӣ ва нигоҳдории назорати дохилӣ, ки ба таҳия ва пешниҳоди одилонаи ҳисоботи молиявии таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои қаллобӣ ва хатогӣ надошта, интихоб ва истифодабарии сиёсати ҳисобгирии муносиб, ва асоснокии баҳодиҳиҳои ҳисобиро, дар бар мегирад.

*Масъулияти аудиторон оиди аудити ҳисоботи молиявӣ*

Мақсади мо ба даст овардани боварии устуворе, ки ҳисоботи молиявӣ таҳрифи ҷиддӣ бо сабабҳои хатогӣ ё амалҳои мусоҳилакорона надорад, ва дар тартиб додани хулосаи аудиторӣ, ки изҳори ақидаи моро дар бар мегирад. Боварии устувор - ин дараҷаи баланди боваринокиро ифода мекунад, аммо барои ҳамавақт дарёфт намудани хатогиҳои назаррас, ки дар раванди тафтиши аудитории мувофиқи СБА гузаронидашуда, кафолат намедиҳад. Таҳриф метавонад натиҷаи хатогӣ ё амалиётҳои мусоҳилакорона бошад ва назаррас ба ҳисоб меравtotanд, агар бо асос тахмин карда шавад, ки дар алоҳидаги ё дар маҷмӯ онҳо ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки дар асоси ҳамин ҳисоботи молиявӣ қабул кардашаванда таъсир расонанд.

Дар чорчӯбаи аудити мувофиқи СБА гузаронидашаванда, мо ақидаронии касбиро истифода мебарем ва нобоварии касбиро дар давоми раванди аудит нигоҳ медорем. Ба ғайр аз он:

а) хавфҳои таҳрифи назаррас, ки ҳамчун натичаи хатогӣ ё амалҳои мусоҳилакорона ба миён омадаанд ошкор ва баҳо медиҳем; ҷавобан ба ин ҳавфҳо амалиётҳои аудиториро коркард ва мегузаронем; далелҳои аудитории кифоя ва боъэтимодро ҷам меоварем, ки асоси инъикоси ақидаи мо мегарданд. Хавфи ошкор нагардидани таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи амалҳои мусоҳилакорона муҳимтар аст нисбат ба хавфи ошкорнашудаи таҳрифҳои назаррас дар натиҷаи роҳ додани хатогиҳо, зеро амалҳои мусоҳилакорона метавонанд забоняккунӣ, сохтакорӣ, амали қастдан ба назар нагирифтан, таҳрифи ахбороти пешниҳодшуда ё амали хилофи системаи назорати дохилиро дар бар гирад.

б) системаи назорати дохилӣ, ки барои аудит бо мақсади таҳия намудани тартиботи аудиторӣ барои ҳолатхои мувофиқ аҳмият дорад меомӯзем, аммо на бо мақсади инъикоси ақида оиди самаранокии системаи назорати дохилии шахси тафтишшаванда;

в) ба дурустии сиёсати ҳисобгирии истифодашаванда, асоснокии баҳодиҳии баҳисобгирӣ ва эзоҳдиҳии мувофиқи ахборотҳо, ки аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда тайёр карда шудааст, баҳо медиҳем;

г) оиди дуруст истифодабарии фарзкунӣ нисбат ба фаъолияти бефосила аз тарафи роҳбарияти шахси тафтишшаванда хулоса мебарорем, ва дар асоси далелҳои аудитории гирифташуда оиди мавҷуд будани номуайяниҳои назарраси бо воқеа ё шартҳое, ки дар натиҷаи онҳо шубҳаҳои ҷиддӣ нисбати қобилияти давом додани фаъолияти бефосилаи шахси тафтишшаванда пайдо мегарданд, хулоса мебарорем. Агар мо оиди мавҷудияти номуайяниҳои назаррас ошкор намоем, мо бояд диққатро дар хулосаи аудитории худ ба эзоҳи ахбороти мутобиқ дар ҳисоботи муҳосибии солона ҷалб намоем, агар чунин эзоҳдиҳии ахборот номувофиқ бошад, шакли хулосаи худро тағйир диҳем. Ақидаҳои мо ба далелҳои аудиторие, ки то санаи хулосаи аудитории мо гирифта шудаанд, асос ёфтаанд. Аммо воқеаҳо ё шароитҳо дар оянда метавонанд ба қобилияти давом додани бефосилаи фаъолияти шахси тафтишшаванда таъсир расонанд;

д) ба пешниҳодкунии ҳисоботи муҳосибӣ умуман, таркиб ва мазмуни он, бо назардошти эзоҳи ахборотҳо, инчунин амалиётҳо ва воқеаҳое, ки асоси ҳисоботи солонаи муҳосибӣ ва таъмини боъэтимодии онро нишон медиҳанд, баҳо мегузорем.

30 марти соли 2024

ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хоҷаев Ш.Т.,CIPA

Директори ҶДММ «Аудит Консалтинг»

Иҷозатнома БМТ № 0000123 аз 12 июни соли 2020 аз тарафи Бонки Миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст барои анҷом додани фаъолияти аудиторӣ дар низоми бонкӣ

Иҷозатнома ВМ №0000112 аз 29 январи соли 2018 аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст барои амалӣ намудани фаъолияти аудиторӣ

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023

| | Эзоҳ | 31 декабри соли 2023 | 31 декабри соли 2022 |
|---|---|---|---|
| **ДОРОИҲО** | | | |
| Воситаҳои пули | 4.1 | 1940 | 790 |
| Сандуки қарзии соф | 4.2 | 5 472 823 | 5 465 342 |
| Фоизҳо барои гирфтан | 4.3 | 73 578 | 78 302 |
| Дороиҳои дигари ҷорӣ | 4.3 | 44 854 | 75 706 |
| Гарав барои фурӯш | 4.4 | 151 349 | 151 349 |
| Воситаҳои асосӣ | 4.5 | 47 168 | 62 715 |
| Дороиҳои ғайримоддӣ | 4.6 | (125) | 3 341 |
| Сармоягузорӣ | 4.7 | 23 600 | 23 600 |
| **Ҳамагӣ дороиҳо** | | **5 815 188** | **5 861 145** |
| **ӮҲДАДОРӢҲО** | | | |
| Қарзҳои гирифташуда | 4.8 | | - |
| Ӯҳдадориҳои дигар | 4.9 | 31 169 | 27 205 |
| Андоз барои пардохт | 4.9 | 128 635 | - |
| **Ҳамаги ухдадорихо** | | **159 804** | **27 205** |
| **САРМОЯ** | | | |
| Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда | 4.10 | 1 304 855 | 1 304 855 |
| Захираи умумӣ | 4.11 | 106 160 | 96 000 |
| Сармояи изофагӣ | 4.11 | 1 211 841 | 1 209 875 |
| Фоидаи тақсимнашуда | 4.12 | 2 988 444 | 3 130 726 |
| Фоидаи софи соли ҷорӣ | 4.12 | 44 084 | 92 484 |
| **Ҷамъи сармоя** | | **5 655 384** | **5 833 940** |
| **Ҳамагӣ сармоя ва ӯҳдадориҳо** | | **5 815 188** | **5 861 145** |

Директор ________ Абдуназаров У.Ш.

Сармуҳосиб ________ Норова З. Ҳ.

## ҲИСОБОТ ОИДИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | Эзоҳ | 2023 | 2021 |
|---|---|---|---|
| Даромади фоизӣ | 5.1 | 1 413 477 | 1 390 456 |
| Хароҷоти фоизӣ | | | - |
| **Даромади софи фоизӣ то барқарорсозии /(ташаккулдиҳии) захираҳо барои камарзишшавии дороиҳо** | | **1 413 477** | **1 390 456** |
| Барқарорсозии /(ташаккулдиҳии) захираҳо барои камарзишшавии дороиҳо | 5.1 | (45 743) | 18 188 |
| **Даромади софи фоизӣ** | | **1 367 734** | **1 408 644** |
| Даромади соф аз амалиётҳо бо асъори хориҷӣ | 5.1 | - | - |
| Даромад/хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ | 5.1 | - | - |
| Дигар даромади молиявӣ | 5.1 | 1 482 | 5 074 |
| **Дигар даромадҳои молиявӣ** | | **1 482** | **5 074** |
| **Ҳамагӣ даромади амалиётӣ** | | **1 369 216** | **1 413 718** |
| Хароҷоти амалиётӣ | 5.2 | (1 291 875) | (1 287 112) |
| **Фоидаи андозбандишаванда** | | **77 341** | **126 607** |
| Хароҷоти андоз аз фоида | 5.3 | (33 257) | (34 122) |
| **Фоидаи соф дар давра** | | **44 084** | **92 484** |
| **Дигар даромадҳои умумӣ:** | | | |
| Натиҷаи азнавбаҳодиҳии амвол | | 1 966 | - |
| **Ҳамагӣ дигар даромадҳои умумӣ** | | **1 966** | - |
| **Ҳамагӣ даромади соф дар давра** | | **46 050** | **92 484** |

Директор ______________ Абдуназаров У.Ш.

Сармухосиб ______________ Норова З. Ҳ.

## ҲИСОБОТ ОИДИ ҲАРАКАТИ ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| | 2023 | 2021 |
|---|---|---|
| **ФАЪОЛИЯТИ АМАЛИЁТӢ** | | |
| Фоидаи (зарари) соф | 44 054 | 92 484 |
| **Ислоҳи фоидаи (зарари) соф:** | | |
| Хароҷоти фарсоиш ва истеҳлоки дороиҳо | 17 121 | 20 325 |
| Тағйирёбии захираҳо ва фондҳо | 47 058 | 2 762 |
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳо | -1 315 | (2 501) |
| Дигар хароҷоти ҳисобкардашуда | - | - |
| Зарар аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 3 857 | |
| Андоз аз фоида | 33 257 | 34 122 |
| **Ҳаракати накдина бо даромадҳои операционӣ то тағйирёбии дороиҳои амалиётӣ ва ӯҳдадориҳо** | **144062** | **147 193** |
| Афзуншавӣ\камшавии дигар андозҳо | (95 971) | (1 181) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси қарзҳои мизоҷон | (53 223) | (1 110) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дороиҳои дигар | 4 524 | 8 176 |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси гараф барои фуруш | - | (151 349) |
| Афзуншавӣ\камшавии холиси дигар ӯҳдадориҳо | 3 964 | 2 189 |
| Афзуншавӣ\камшавии андоз аз фоида | (2 205) | (4 854) |
| **Ҳаракати холиси тағйирёбии дороиҳои гардон ва ӯҳдадориҳо:** | **(142 912)** | **(148 130)** |
| **Ҳаракати холиси воситаҳои пулӣ аз фаъолияти амалиётӣ** | **1 150** | **(936)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ** | | |
| Фурӯши воситаҳои асосӣ | - | - |
| Хариди воситаҳои асосӣ | - | (4 018) |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти сармоягузорӣ** | **-** | **(4 018)** |
| **ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВӢ** | | |
| Дохилшавии грантҳо, ёрии пулӣ (субсидия) | - | - |
| Ҳиссагузории муассисон | - | - |
| **Вазъи ҳаракати воситаҳои пулӣ аз фаъолияти молиявӣ** | **-** | **-** |
| **Тағйирёбии софи воситаҳои пулӣ** | **1150** | **(4 954)** |
| **Воситаҳои пулӣ дар аввали сол** | **790** | **5 744** |
| **Воситаҳои пулӣ дар охири сол** | **1940** | **790** |

Директор Абдуназаров У.Ҳ.

Сармуҳосиб Норова З. Ҳ.

## ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ТАҒЙИРОТҲО ДАР САРМОЯ

Барои давраи ҳисоботи, ки 31-уми декабри соли 2023 ба анҷом мерасад

| Номгӯи нишондиҳанда | Сармояи захиравӣ барои амалиётҳои оянда | Фоидаи тақсим-нашуда | Захираи умумӣ | Сармояи изофагӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| **Бақия ба 01.01. 2022** | **1 304 855** | **3 130 726** | **96 000** | **1 209 875** | **5 741 456** |
| Ташаккулёбӣ/ камшавӣ | - | - | - | - | - |
| Фоидаи софи соли 2022 | - | 92 484 | - | - | **92 484** |
| Тасҳеҳи сармоя | - | - | - | - | - |
| **Бақия ба 31.12. 2022** | **1 304 855** | **3 223 210** | **96 000** | **1 209 875** | **5 833 940** |
| Ташаккулёбӣ/ камшавӣ | - | (234 766) | 10 160 | 1 966 | **(222 640)** |
| Фоидаи софи соли 2023 | - | 44 084 | - | - | **44 084** |
| Тасҳеҳи сармояи | - | - | - | - | - |
| **Бақия ба 31.12. 2023** | **1 304 855** | **3 032 528** | **106 160** | **1 211 841** | **5 655 384** |

Директор ____________ Абдуназаров У.Ш.

Сармуҳосиб ____________ Норова З. Ҳ.

# ЭЗОҲОТ БА ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

## ЭЗОҲИ 1. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТ

Фонди қарзии хурди «Рушди Суғд» (минбаъд дар ин матн чун Фонд зикр мешавад) шахси ҳуқуқӣ, ғайритиҷоратӣ буда, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст ва фаъолияти худро дар асоси Оинномa ва Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон анҷом медиҳад.

Фонд дар асоси шартномаи таъсисёби аз 12.11.2006 сол, ки дар Вазорати адлияи ҶТ аз 04-уми декабри соли 2006 ба қайд гирифта шудааст ва дорои Шаҳодатномаи №001-3424 гардидааст ва ҳамчун Фонди қарзии хурди «Суғд-Микрофин» таъсис дода шуда буд. ФҚХ 25 майи соли 2010 дар Нозироти андози ш. Хуҷанд аз нав ба қайд гирифта шуд. Мувофиқи талаботи БМТ №101-172/39 аз 05.02.2013 ФҚХ "Суғд-Микрофин" номи худро иваз намуд ва ФҚХ "Рушди Суғд" номида шуд.

Дар айни замон Фонд дар асоси чунин ҳуҷатҳои ҳуқуқӣ фаъолияти худро анҷом медиҳад:

- Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ № 0272454 аз 28.02.2013 с.;
- Гувоҳномаи № 742 дар бораи додани РМА №630008171 от 20.06.2007;
- Иҷозатномаи БМТ аз 22.04.2013 с.

Сармояи оинномавӣ ФҚХ 1 304 855 сомониро ташкил медиҳад. Муассисони Фонд ташкилотҳои зерин мебошанд:

| № | Номгӯи ташкилот | Маблағи саҳм,сомони | Ҳисса, % |
|---|---|---|---|
| 1. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Кистакуз, н. Б. Ғафуров | 199 900 | 15,32 |
| 2. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Ашт, н. Ашт | 148 935 | 11,41 |
| 3. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Ошоба, н.Ашт | 142 180 | 10,90 |
| 4. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Равшан, н. Зафаробод | 125 445 | 9,61 |
| 5. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Ҳ.Алиев, н. Зафаробод | 120 390 | 9,23 |
| 6. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Овчикалъача, н. Б.Ғафуров | 117 200 | 8,98 |
| 7. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Меҳнатобод, н. Зафаробод | 115 500 | 8,85 |
| 8. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Лаккон, Исфара | 102 360 | 7,84 |
| 9. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Янгиҳаёт, н. Ҷ.Расулов | 99 700 | 7,64 |
| 10. | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Чоркӯҳ, Исфара | 90 000 | 6,90 |
| 11 | Ташкилоти Ҷамъиятии дастгирии ҷамоати Гулхона, н.Ҷ.Расулов | 43 245 | 3,31 |
| **Ҳамагӣ:** | | **1 304 855** | **100** |

Мақоми идоракунии Фонд:

- Шӯрои Парасторон - мақоми олии идоракуни:
  1. Муллоев Зариф Насибалиевич - раис;
  2. Ҷурабоева Матлуба Турсунбоевна- аъзо;
  3. Мирбобоев Неъматҷон Рузибоевич-аъзо.
- Раёсати Фонд :
  1. Абдуназаров Умедҷон Шоназарович – директори ФҚХ;
  2. Норова Заррина Ҳакимовна - сармуҳосиб;
  3. Мирзовалиев Назирали Джиянович;

Дар санаи 22 апрели соли 2013 аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба Фонд барои гузаронидани чунин амалиётҳо Иҷозатнома дода шудааст:

1. Пешниҳоди қарзҳо;
2. Бастани қарордодҳои форвардӣ ва своп барои худ.

Мақсади фаъолияти ФҚХ «Рушди Суғд» ин мусоидат ба паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ тавассути пешниҳоди қарзҳои хурд мебошад.

ФҚХ «Рушди Суғд» 3 филиал ба қайд гирифташуда ва 1 маркази хизматрасони маблағгузории хурд дорад. Филиали ФҶ "ФҚХ "Рушди Суғд" дар шахри Исфара фаъолияти худро дар асоси қарори Шӯрои Парасторон аз санаи 10.05. 2023 сол қатъ намудааст.

| № | Номгӯ | Ҷойгиршавӣ |
|---|---|---|
| 1 | Филиали ФҶ "ФҚХ "Рушди Суғд" дар ноҳияи Ашт | н. Ашт, ҷ. Ашт, кӯч. Сари Бозор |
| 2 | Филиали ФҶ "ФҚХ "Рушди Суғд" дар ноҳияи Ҷ.Расулов | н. Ҷ.Расулов, ҷ. Ҳаёти нав, деҳаи Меҳргон, кӯч. Москва 23а. |
| 3 | Филиали ФҶ "ФҚХ "Рушди Суғд" дар ноҳияи Зафаробод | н. Зафаробод, ҷ. Ҳамид Алиев кӯч. Ҳилолӣ,б/р |
| 4 | МХМХ Хистеварз | н. Б.Ғафуров, ҷ.Хистеварз |

ФҚХ «Рушди Суғд» дар суроғаи зерин ҷойгир шудааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯч. К. Хуҷанди, бинои 83.

## ЭЗОҲИ 2. АСОСҲОИ ТАҲИЯИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВӢ

Асоси бурдани ҳисобгирии муҳосибӣ ва таҳияи ҳисоботи молиявии Фонд-ро стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ташкил медиҳанд, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ба санадҳои меъёрӣ- ҳуқуқии ҶТ мухолифат менамояд.

Ҳисоботи молиявии Фонд бо назардошт ва истифодаи усули ҳисобу замкунӣ ва усули фаъолияти муттасилӣ (бефосила) тартиб дода шудааст.

Усули ҳисобу замкунӣ пешбинӣ менамояд, ки таъсири амалиёт ва дигар руйдодҳо ба ҳисоботи молиявӣ дар лаҳзаи рӯй додани онҳо ба инобат гирифта мешавад, на ҳангоми дарёфти воқеии маблағ ё пардохти он дар давраҳои дахлдори ҳисоботӣ.

Усули муттасилӣ дар назар дорад, ки Фонд дарояндаи наздик ният ва зарурат ба барҳамдиҳӣ ва ё коҳиши ҷиддии фаъолияти худро надорад.

### 2.1 Таркиби ҳисоботи молиявӣ

Таркиби ҳисоботи молиявии Фонд ҳисоботҳои зерини молиявиро дар бар мегирад:

- Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ;
- Ҳисобот оиди маҷмӯи даромадҳо;
- Ҳисобот оиди ҳаракати воситахои пулӣ;
- Ҳисобот дар бораи таъғйиротҳо дар сармояи худӣ;
- Эзоҳот ба ҳисоботи молиявӣ.

Давраи ҳисоботии Фрнд соли тақвимӣ мебошад. Моддаҳои назарраси ҳисоботи молиявӣ ба таври алоҳида муаррифӣ гардида, моддаҳои ғайриназаррас гурӯҳбандӣ шудаанд.

### 2.2 Асъори ҳисобот

Фонд ба сифати асъори амалкунанда ва асъори муаррификунандаи ҳисоботи молияӣ, асъори миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон – сомониро истифода мебарад.

## ЭЗОҲИ 3. УСУЛҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

### 3.1 Эътироф ва арзёбии воситаҳои молиявӣ

Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳои молиявӣ дар сурате дар тавозун эътироф карда мешаванд, ки агар Фонд нисбат ба ин ё он воситаи молиявӣ аз рӯи қарордод яке аз тарафҳои муомилакунанда бошад. Дороиҳои молиявӣ ва ӯҳдадориҳо бо истифодаи усули ҳисобу замкунӣ дар санаи амалиёт эътироф карда мешаванд. Ҳангоми бори аввал эътироф кардани воситаҳои молиявӣ аз рӯи арзиши одилонаи ифодаи пулии муомилот зимни дохил кардан ё нигоҳ доштани хароҷоти амалишавии онҳо инъикос меёбанд.

Шартҳои баҳисобгирие, ки Фонд дар рафти баҳодиҳии минбаъдаи дороиҳо ва ӯҳдадориҳои молиявии худ истифода мебарад, дар бандҳои дахлдори сиёсати баҳисобгии он, ки дар зер оварда шудаанд, шарҳ дода мешаванд.

### 3.2 Воситаҳои пулӣ

Воситаҳои пулӣ ва эквиваленти он - пули накди дар хазинаи Фонд буда ва маблағи дар ҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳо гузошташударо, дар бар мегирад.

### 3.3 Сандуқи қарзӣ ва захира барои беарзишшавӣ

Баҳисобгирии аввалаи қарзи додашуда аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ, яъне аз рӯи арзиши одилонаи маблағи додашуда арзёбӣ мегардад. Ӯҳдадории дебиторӣ ба сифати доройӣ дар лаҳзаи додани маблағ ба муштариён ҳисоб мешавад. Минбаъд қарз дар маблағи қарзи асосии пардохтнашуда мутобиқи шартномаи қарзӣ бо тарҳи фонд барои пушонидани талафотхои имконпазир (камарзишшавӣ) ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар сурати мавҷуд будани нишонаҳои объективии камарзишшавии қарзи додашуда дар натиҷаи ҳодисаҳои рӯйдодашуда баъд аз ҳисобгирии аввалаи доройӣ, ФҚХ захира барои камарзишшавиро барои ҷуброн намудани зарар барои қарзи алоҳида ташкил медиҳад. Ҳисобкунии захира барои камарзишшавӣ дар асоси таҳлили дороиҳои ба хавфи қарзӣ дучоршаванда бо меёрҳои дар Сиёсати ҳисобгирии дохила пешбини шуда, анҷом мегирад. Фонд барои пушонидани талафотҳои имконпазир дар ҳисоботи молиявӣ фақат барои талафоти воридшуда то санаи таҳияи ҳисобот ба асоси нишонаҳои объективии тасдиққунандаи ин, ки камарзишшавӣ дар давраи баъд аз ҳисобкунии аввала рӯй додааст, дар назар гирифта мешавад.

Барқарорсозии фонди қаблан ташакулёфта дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромади Фонд инъикос меёбад.

Мутобиқи сиёсати қарзӣ, қарзҳое, ки пардохти онҳо ғайриимкон аст, аз ҳисоби захираи ташкилёфта аз тавозун хориҷ карда мешаванд ва дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд. Аз тавозун баровардани қарз фақат баъд аз андешидани тамоми чораҳо барои гирифтани қарз ва тартиботи лозимаи муайян намудани маблағи зарар, ҳамчунин пас аз ба тавозуни Фонд қабул кардани авмоли гарав (агар гарав бошад) амалӣ мегардад. Маълумот оиди қарзҳо дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ мувофиқи Сиёсати баҳисобгирии Фонд дар давоми 5 (панҷ) сол нигоҳ дошта мешавад.

Аз нав ҳисоб кардани Фонди пушонидани талафотҳои имконпазир ҳармоҳа, дар асоси пардохти воқеии маблағи асосӣ, фоизҳо ва дар асоси ҳисоботҳои тайёр кардаи шӯъбаи қарзӣ, иҷро карда мешаванд.

Таснифи қарзҳо ва тартиби ташакулдиҳии ФПТИ аз руи Сиёсати ҳисобии дохилаи Фонд:

| Гуруҳ | таъхирафтода | Меъёри ФПТИ (%) |
|---|---|---|
| Қолабӣ | то 30 руз | 2% |
| Ғайриқолабӣ | аз 30 то 90 руз | 5% |
| Шубҳанок | аз 90 то 180 руз | 10% |
| Беэътимод | зиеда аз 180 руз | 15% |

### 3.4 Дигар дороиҳо

Ба ҳайси дигар дороиҳои ҷорӣ ҳисобҳо барои гирифтан, пешпардохти андоз, маблағи зерҳисоби кормандон, пешпардохт барои хизматрасониҳо, гаравҳо барои фуруш ва дигар дороиҳо ба қайд гирифта мешаванд.

### 3.5 Иҷораи амалиётӣ

Иҷорае, ки зимни он қисми бештари хавфҳо ва ҳуқуқи соҳибӣ ба иҷорадиҳанда дода мешавад, иҷораи амалиётӣ ба шумор меравад. Фонд хароҷоти пардохти иҷораи биноро дар давраи ҳисоботӣ дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромад аз рӯи усули баҳисобгирӣ инъикос менамояд.

### 3.6 Воситаҳои асосӣ

Воситаҳои асосӣ аз рӯи хароҷоти ҳақиқӣ барои дарёфти онҳо дар ҳисобгирӣ инъикос меёбанд. Баъд аз эътирофи ибтидоӣ, воситаҳои асосӣ аз рӯи арзиши аввала бо назардошти тарҳи фарсудашавии онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Хароҷоти минбаъда дар арзиши тавозунии дороӣ дохил мешавад, агар эҳтимоли объективии дарёфти фоидаи иқтисодии вобаста ба истифодабарии дороӣ вуҷуд дошта бошад. Тамоми хароҷоҳои дигари минбаъда, ки бо воситаҳои асосӣ вобастаанд, дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромад (фоида ва зарар) дар давраи дахлдор инъикос мегардад.

Фонд барои ҳисобкунии истеҳлоки воситаҳои асосӣ усули камшавии бақияи арзиши воситаҳои асосиро бо меъёрҳои зеринро муқаррар кардааст:

| Номгӯи воситаҳои асосӣ | Меъёри истеҳлок (%) |
|---|---|
| Таҷҳизоти корӣ, воситаҳои алоқа | 20 |
| Нақлиёт, мебел ва таҷҳизот | 15 |
| Муҳаррикҳо | 8 |
| Бино ва иншоот | 7 |
| Дигар дороиҳое, ки ба дигар гурӯҳҳо шомил нестанд (дороиҳои ғайримодди) | 10 |

### 3.7 Ӯҳдадориҳои молиявӣ

Маблағҳои қарзӣ саравввал аз рӯи нархи дарёфтӣ, ки аз маблағи гирифташуда бо назардошти тарҳи хароҷоти бо ин амалиёт вобаста буда, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Баъдан, маблағҳои қарзӣ аз рӯи арзиши истеҳлокӣ ифода меёбанд ва фарқият байни маблағи харидоришуда ва арзиши бозпардохт дар ҳисоботи фоида ва зарари давраи ҳисоботӣ чун хароҷоти фоизӣ инъикос меёбад. Фоизи қарзҳои ҷалбшуда, ҳармоҳа аз рӯи меъёри номиналии фоиз барои бақияи маблағи асосии пардохтнашуда ё маблағи асосии аввала бо назардошти шартҳои созишномаи қарзӣ ҳисоб карда мешаванд.

Ӯҳдадориҳои ҷорӣ дар ҳисобот дар бораи вазъияти молиявии Фонд(тавозун) ба андозаи бавуҷудоии онҳо – ҳангоми ҳисобу китоби музди меҳнати кормандон, маблағи ҳисобкардашудаи ӯҳдадориҳои андоз ва дигар ӯҳдадориҳои ҳисобшудаи амалиётӣ инъикос меёбанд.

### 3.8 Эътироф кардани даромад ва хароҷот

Фонд дар ҷараёни фаъолияти амалиётӣ даромад ва хароҷотро аз рӯи усули ҳисобу замкунӣ эътироф менамояд. Аз рӯи усули ҳисобу замкунӣ даромад дар он давраи ҳисоботӣ эътироф карда мешавад, ки дар он бозёфт шудааст, новобаста аз ворид гардидани маблағ ба ҳисоби Фонд. Ҳамин тавр, хароҷот низ дар он давраи ҳисоботӣ инъикос меёбад, ки дар он хароҷот ҷой дорад, сарфи назар аз он ки маблағи хароҷот аз тарафи Фонд дар ин давраи ҳисоботӣ пардохта шудааст ё не.

### 3.9 Андозбандӣ

Хароҷоти андоз аз фоида, ки дар ҳисобот дар бораи маҷмӯи даромад инъикос ёфтааст - ин маблағи андози ҷорӣ аз фоида мебошад, ки мутобиқи қонунгузории амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ситонида мешавад. Фоидаи то андозбандии муҳосибӣ аз фоидаи андозбандишавандаи тибқи Кодекси андоз фарқ дорад, чунки барои ҳисобкунии андоз аз фоида бархе аз қисматҳои ҳамчун хароҷот эътирофгардида бо мақсади андозбандӣ истисно мешаванд. Ҳангоми ҳисобкунии андоз аз фоида меъёри андоз дар ҳаҷми 20 % истифода бурда мешавад.

Андозбандии таваққуфшуда аз рӯи андоз аз фоида мутобиқи усули дороиҳо ва ӯҳдадориҳои тавозунӣ нисбат ба тамоми фарқиятҳои муваққатии байни манбаи андозии дороиҳо ва ӯҳдадориҳо ва арзиши тавозунии онҳо мутобиқи ҳисоботи молиявӣ ҳисоб карда мешаванд. Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои андозбандии таваққуфшуда бо истифода аз меъёри андозбандии истифодашаванда дар даврае, ки дороиҳо фурӯхта мешаванд ва ӯҳдадориҳо бозпардохт мешаванд, зимни ба асосгирии меъёри андозбандӣ дар давраи мазкур ё амалан муқарраршуда дар санаи тартибдиҳии ҳисобот, муайян карда мешаванд.

Дороиҳо аз рӯи андозбандии таваққуфшуда ба он ҳадде ифода меёбанд, ки эҳтимолияти гирифтани фоидаи андозбандишуда вуҷуд дошта бошад, ки ба муқобили он метавон фарқияти муваққатиро истифода бурд.

### 3.10 Муомилот бо асъори хориҷӣ

Муомилот бо асъори хориҷӣ саравval бо асъори миллӣ аз рӯи қурби расмии мубодилавии Бонки миллии Тоҷикистон дар санаи амалиёт ифода меёбад. Фарқият байни қурби мубодилавии шартномавӣ ва қурби расмии БМТ дар санаи амалиёт ба ҳисоботи маҷмӯи даромад чун даромади соф аз муомилот бо асъори хориҷӣ дохил карда мешавад.

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои монетарӣ аз рӯи курби расмии БМТ дар санаи ҳисобот ба асъори миллӣ мубодила мегардад. Фарқияти қурбии бавуҷуд омада, ҳангоми аз нав баҳодиҳии ин дороиҳо ва санадҳои қарзӣ дар ҳисобот оиди маҷмӯи даромад чун даромад ё хароҷоти софи азнавбаҳодихии асъори хориҷӣ инъикос меёбанд.

### 3.11 Сармояи худӣ

Сармояи худии Фонд аз захира барои фаъолияти оянда, фоидаи тақсимнашуда, захираи умумӣ, ки мутобиқи қонунгузории амалкунанда ташаккул ёфтааст ва захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ иборат аст.

## 4. ЭЗОҲ БА ҲИСОБОТ ОИДИ ҲОЛАТИ МОЛИЯВӢ

### 4.1 Накди хазина ва ҳамарзиши он

Воситаҳои пулии Фонд аз қисматҳои зерин иборатанд:

| | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2021 |
|---|---|---|
| Воситаҳои пулӣ дар хазина | 392 | 163 |
| Воситаҳои пули дар ҳисоби бонкӣ | 1 548 | 627 |
| **Ҳамагӣ :** | **1940** | **790** |

Фонд воситаҳои пулии аз истифодабарӣ маҳдудкардашуда надорад.

### 4.2 Қарз ба мизоҷон

Дар давраи ҳисоботӣ Фонд қарзҳоро барои рушди соҳибкорӣ ва барои таъмини талаботҳои истеъмолии аҳоли додааст.

Гурўҳбандии сандуқи қарзӣ ба 31-уми декабри соли 2023 сохтори зерин дорад:

| | Шумораи қарзҳо | Маблағи қарзҳо | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қолабӣ | 967 | 5 156 349 | - | 5 156 349 | 93% |
| Тамдидшуда | 3 | 27 623 | (4 143) | 23 479 | 0% |
| Таъхирафтода | 52 | 344 785 | (51 791) | 292 994 | 6% |
| **Ҳамаги** | **1022** | **5 528 757** | **(55 934)** | **5 472 823** | **100%** |

Гурўҳбандии сандуқи қарзӣ ба 31-уми декабри соли 2022 сохтори зерин дорад:

| | Шумораи қарзҳо | Маблағи қарзҳо | ФПТИ | Ҳамагӣ | Ҳисса |
|---|---|---|---|---|---|
| Қолаби | 1094 | 5 107 550 | - | 5 107 550 | 92% |
| Тамдидшуда | 3 | 29 322 | (4 398) | 24 924 | 1% |
| Таъхирафтода | 83 | 391 678 | (58 810) | 332 868 | 7% |
| **Ҳамаги** | **1 180** | **5 528 550** | **(63 208)** | **5 465 342** | **100%** |

Маблағҳои батаъхирафтодаи Фонд дар санаи 31.12.2023 сол 372 408 сомониро ташкил дода, муҳлати пардохташон аз 2 сол гузашта бошад ба 336 066 сомони баробар мебошад.

Аз рўи мўҳлати пардохт сандуқи қарзӣ ба тарзи зерин тақсим мешавад:

| | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| аз 1 то 12 моҳ | 3 703 050 | 2 876 616 |
| аз 12 то 24 моҳ | 1 530 625 | 2 369 633 |
| зиёда аз 24 моҳ | 295 082 | 282 302 |
| **Ҷамъ:** | **5 528 757** | **5 528 550** |
| Захира барои ФПТИ | (55 934) | (63 208) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 472 823** | **5 465 342** |

Аз рўи соҳаҳои иқтисодиёт гуруҳбандии сандуқи қарзӣ дар санаи ҳисоботӣ чунин аст:

| Номгў | 31 декабри 2023 | | 31 декабри 2022 | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағ | Ҳисса | Маблағ | Ҳисса |
| Растанипарварӣ | 735 064 | 13,3% | 790 239 | 14,3% |
| Чорводорӣ | 3 680 989 | 66,6% | 3 908 614 | 70,7% |
| Истеъмолӣ | 869 712 | 15,7% | 777 453 | 14,1% |
| Савдо ва хизматрасонӣ | 20 025 | 0,4% | 21 905 | 0,4% |
| Дигар соҳаҳо | 2 590 | 0,0% | 30 340 | 0,5% |
| **Ҳамагӣ** | **5 528 757** | **100%** | **5 528 550** | **100,0%** |
| Захира барои ФПТИ | (55 934) | | (63 208) | |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 472 823** | | **5 465 342** | |

Тақсимоти қарз аз рўи минтақа чунин аст:

| Маҳал | 31 декабри 2023 | | 31 декабри 2022 | |
|---|---|---|---|---|
| | Маблағ | Ҳисса | Маблағ | Ҳисса |
| Хуҷанд | - | 0,0% | - | 0,0% |
| Исфара | - | 0,0% | 35 158 | 0,6% |
| Истаравшан | 481 722 | 8,7% | 540 309 | 9,8% |
| Зафаробод | 1976 360 | 35,7% | 2032 218 | 36,8% |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Ашт | 925 336 | 16,7% | 936 823 | 16,9% |
| Б. Ғафуров | 1 526 386 | 27,6% | 1 350 592 | 24,4% |
| Ҷ. Расулов | 618 953 | 11,2% | 633 451 | 11,5% |
| **Ҳамаги:** | **5 528 757** | **100%** | **5 528 550** | **100%** |
| Захира барои ФПТИ | (55 934) | | (63 208) | |
| **Ҳамаги маблағи соф:** | **5 472 823** | | **5 465 342** | |

Сандуқи қарзӣ дар тақсимоти меъёрҳои фоизӣ чунин намуд дорад:

| Меъёри фоизӣ | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| то 20 фоиз | 224 214 | 229 157 |
| аз 21 то 24 фоиз | 177 590 | 205 340 |
| аз 24 то 36 фоиз | 5 126 952 | 5 094 054 |
| зиёда аз 36 фоиз | - | - |
| **Ҷамъ:** | **5 528 757** | **5 528 550** |
| Захира барои ФПТИ | (55 934) | (63 208) |
| **Ҳамагӣ арзиши соф** | **5 472 823** | **5 465 342** |

Ба санаи 31-уми декабри соли 2023 Фонд қарзҳои додашудаи дар мурофиаи судӣ буда надорад.

Мувофиқи сиёсати қарзӣ Фонд барои таъминоти қарзҳо чорвои шохдори калон, амволи ғайриманқул, воситаҳои нақлиёт, кафолати аъзоени гурӯҳ ва зомини шахсони алоҳида гирифта мешавад.

| | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| Бо гарав таъминбуда | 1 210 452 | 2 017 937 |
| Бо гарав таъминнабуда | 4 318 305 | 3 510 614 |
| **Ҷамъ:** | **5 528 757** | **5 528 551** |

| | | |
|---|---|---|
| Амволи гайриманкул | 175 000 | 320 000 |
| Амвол (мол ва таҷҳизот) | 1 035 452 | 1 697 937 |
| Бо кафил таъминбуда | 4 318 305 | 3 510 614 |
| **Ҷамъ:** | **5 528 757** | **5 528 551** |

## 4.3 Дороиҳои дигар

### 4.3.1

| Номгӯй | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| Фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 73 578 | 78 302 |
| **Хамаги:** | **73 578** | **78 302** |

### 4.3.2

| Номгӯй | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои гирифтан | | - |
| Лавозимоти истифоданашудаи дафтардорӣ | 4 583 | 2 504 |
| Пешпардохти изофаи андоз | 40 271 | 71 323 |
| Хароҷотҳои пешпардохташуда | - | 1 879 |
| **Хамаги:** | **44 854** | **75 706** |

### 4.4 Гаравҳо барои фуруш

Дар банди "Гарави гирифташуда барои фуруш" 151 349 сомони арзиши молу мулки, ки дар асоси ҳалномаи Суди ба дороии тавозунии Фонд гирифташуда, нишон дода шудааст.

### 4.5 Амвол ва таҷҳизот

| Воситаҳои асосӣ | Мебел ва асбобҳо | Тачхизоти идорави | Беҳтаргардонии воситаҳои иҷорави | Ҳамаги |
|---|---|---|---|---|
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2022** | **65 624** | **124 145** | **59 663** | **249 432** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(62 684)** | **(87 033)** | **(24 158)** | **(173 875)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2022** | **2 940** | **37 112** | **35 505** | **75 557** |
| Ворид шуд | | 4 018 | | 4 018 |
| Хориҷ шуд | | (87) | | (87) |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (1 314) | (11 450) | (4 009) | (16 772) |
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2023** | **65 624** | **128 076** | **59 663** | **253 363** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(63 998)** | **(98 483)** | **(28 167)** | **(190 647)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2023** | **1 626** | **29 593** | **31 496** | **62 715** |
| Ворид шуд | 238 | 154 | 1702 | 2 094 |
| Хориҷ шуд | (978) | (3 996) | (1 400) | (6 374) |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (1 045) | (9 009) | (3 531) | (13 585) |
| Хориҷкунии ислеҳлок | 726 | 726 | 866 | 2 319 |
| **Арзини аввалин дар 01 январи 2024** | **64 884** | **124 233** | **59 965** | **249 082** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(64 316)** | **(106 766)** | **(30 832)** | **(201 914)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2024** | **568** | **17 467** | **29 133** | **47 168** |

### 4.6 Дороиҳои ғайримоддӣ

| Дороиҳои ғайримодӣ | Ҳамаги |
|---|---|
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2021** | **42 179** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(35 372)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2021** | **6 807** |
| Ворид шуд | - |
| Хориҷ шуд | - |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (3 466) |
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2022** | **42 179** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(38 838)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2022** | **3341** |
| Ворид шуд | - |
| Хориҷ шуд | - |
| Истеҳлоки ҳисобшуда | (3 466) |
| **Арзиши аввала ба 01 январи 2023** | **42 179** |
| **Фарсоиши ҷамъшуда** | **(42 304)** |
| **Арзиши соф ба 01 январи 2023** | **(125)** |

Таъминоти барномавии «1С Бухгалтерия» ва барномаи "Octopus Micro Finance" ҳамчун дороии ғайримоддӣ дар ҳисобот нишон дода шудааст.

### 4.7 Сармоягузорӣ

Дар сатри Сармоягузорӣ- саҳмияи ҶСК "НОБ Роғун" ба маблағи 23600 сомони инъикос ёфтааст.

### 4.8 Қарзҳои гирифташуда

Дар давраи ҳисоботи Фонд карзҳо дар назди бонкҳо ва ташкилотҳои ғайрибонкӣ надошт.

### 4.9 Ӯҳдадориҳои дигар

Дигар ўҳдадориҳои Фонд ба ҳолати 31-уми декабри соли 2023 чунин таркиб доранд:

| Номгӯ | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2021 |
|---|---|---|
| Ҳисобҳо барои пардохт | 4 240 | 10020 |
| Захира барои аудит | 26 000 | 24 000 |
| Дираг ӯҳдадориҳо барои пардохт | 929 | 2 185 |
| **Ҳамаги** | **31 169** | **27 205** |

Ҳисобҳо барои пардохт аз ӯҳдадориҳои ҷории хизматрасонӣ, иҷорапулӣ ва ғайра иборат аст.

| Номгӯ | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2021 |
|---|---|---|
| Андоз аз даромади шахсони воқеъӣ | - | - |
| Андози иҷтимоӣ барои пардохт | 2 702 | - |
| Дигар андозҳо барои пардохт | 125 933 | - |
| **Ҳамаги** | **128 635** | - |

### 4.10 Сармояи захиравӣ барои фаъолияти оянда

Дар ин моддаи ҳисоботи ҳолати молиявӣ маблағи худии Фонд инъикос гардидааст, ки аз тарафи муассисон ва ташкилотҳои байналхалқӣ ҳамчун грант барои истифода дода шудаанд. Дар соли ҳисоботӣ ин сармояи 1 304 855 сомониро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда нисбати соли 2022 бе тағйир мондааст.

### 4.11 Дигар захираҳо ва сармояҳо

| Номгӯ | 31 декабри 2023 | 31 декабри 2022 |
|---|---|---|
| Захираи умумӣ барои қарзҳои фаъол | 106 160 | 96 000 |
| Сармояи изофагӣ | 1 203 732 | 1 203 732 |
| Захираи азнав баҳодиҳии воситаҳои асосӣ | 8 109 | 6 143 |
| **Ҳамаги:** | **1 318 001** | **1 305 875** |

Фонд захираи умумиро барои қарзҳои қолабӣ мутобиқи талаботи Сиёсати ҳисобгирии худ дар ҳудуди 2% барои қарзҳо аз ҳисоби фоидаи соли ҳисоботи бо асъори миллӣ ташкил медиҳад.

### 4.12 Фоидаи тақсимнашуда

Дар ин моддаи "Ҳисобот оиди ҳолати молиявӣ" натиҷаҳои молиявии фаъолияти Фонд дар давоми ҳамаи давраҳои ҳисоботӣ нишон дода шудааст.

## 5. ЭЗОҲ БА ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ МАҶМӮИ ДАРОМАД

### 5.1 Даромад ва хароҷоти молиявӣ

Фонд дар рафти фаъолияти муқаррарӣ даромади фоизӣ аз қарзҳо, грант ва дигар даромадҳоро ба даст меорад. Даромад ва хароҷотҳо аз рӯи фаъолияти соли 2023 дар ҷадвалҳои зерин оварда шудаанд.

## Даромадҳои молиявӣ

| Номгӯ | соли 2023 | соли 2022 |
|---|---|---|
| Даромади фоизӣ аз қарзҳои додашуда | 1 413 477 | 1 390 456 |
| Дигар даромадҳои фоизӣ | - | - |
| **Ҷамъ:** | **1 413 477** | **1 390 456** |
| Хароҷоти фоизӣ | - | - |
| Хизматрасонии қарзҳо | - | - |
| **Ҷамъ** | - | - |
| **Ҳамагӣ даромади софи фоизӣ** | **1 413 477** | **1 390 456** |

## Барқарорсозии/(ташаккулдиҳии) захираҳо

| Даромад аз барқарорсозии карзҳо | соли 2023 | соли 2022 |
|---|---|---|
| Даромад аз барқарорсозии дороиҳои соқидшуда | - | - |
| Даромад аз барқарорсозии қарзҳо | 1315 | 2 501 |
| Даромад аз барқарорсозии қарзҳои тамдидшуда | - | 18 449 |
| **Ҷамъ** | **1315** | **20 951** |
| **Ташаккулдиҳии захираҳо** | **соли 2023** | **соли 2022** |
| Фонди пӯшонидани талафотҳои имконпазир аз рӯи қарзҳо батаъхирафтода | (42 480) | (2 762) |
| Фонди пӯшонидани талафотҳои имконпазир аз рӯи қарзҳо тамдидшуда | - | - |
| Фонди пӯшонидани талафотҳои имконпазир аз рӯи фоизи қарзхо | (4 578) | |
| **Ҷамъ** | **(47 058)** | **(2 762)** |
| **Ҳамагӣ даромади соф аз барқарорсозии/(ташаккулдиҳии) захираҳо** | **(45 743)** | **18 188** |

| | | |
|---|---|---|
| Даромад/(хароҷоти) ғайрифоизӣ | - | - |

| Даромад/(хароҷоти) аз амалиётҳои асъори | соли 2023 | соли 2022 |
|---|---|---|
| Даромад аз азнавбаҳодиҳии асъори хориҷӣ | - | - |
| Хароҷоти аз амалиёт бо асъори хориҷӣ | - | - |
| **Ҷамъ:** | - | - |

| Даромад/(хароҷоти) комиссионӣ | | |
|---|---|---|
| Даромади комиссионӣ ва хизматрасонӣ | - | - |
| Хароҷоти комиссионӣ ва хизматрасонӣ | | - |
| **Ҷамъ:** | - | - |

| Дигар даромадҳои ғайрифоизӣ | | |
|---|---|---|
| Даромад аз сармоягузори барои фуруш | - | - |
| Дигар даромадҳои молиявӣ (чарима) | 1 482 | 5 074 |
| **Ҷамъ:** | **1 482** | **5 074** |
| **Ҳамагӣ даромад/(хароҷотӣ) ғайрифоизӣ** | **1 482** | **5 074** |

## 5.2 Хароҷотҳои амалиётӣ

| Нишондиҳанда | Соли 2023 | Соли 2022 |
|---|---|---|
| | Маблағ | Маблағ |
| Музди меҳнат | 774 228 | 751 702 |
| Дигар пардохтҳои иловагӣ | 108 319 | 141 652 |
| Андози иҷтимои | 179 046 | 182 745 |
| Аудит | 26 000 | 24 000 |
| Ҳадамоти ҳуқуқӣ ва дигар хизмати касбӣ | 19 951 | 26 017 |
| Ҳаққи узвият ва ҳақгузорӣ | 4 274 | 9 368 |
| Ҷаримаҳо | 2 040 | - |
| Таъмиру муоинаи техникӣ | 2 390 | 3 820 |
| Хароҷоти техникаи иттилоотӣ | 8 002 | 1 900 |
| Фарсудашави ва истеҳлок | 17 121 | 20 325 |
| Сӯзишвори ва маводи сухту равғанкори | 13 005 | 21 996 |
| Сафари хидматӣ | 9 298 | 592 |
| Реклама ва хабаррасони | 7 570 | - |
| Алоқа | 4 380 | 4 719 |
| Андозҳо ва иҷозатнома | 2 108 | - |
| Хароҷоти иҷора | 85 837 | 69 846 |
| Хароҷоти конселяри | 9 395 | 5 714 |
| Хароҷоти намояндагӣ | - | 2 500 |
| Хароҷоти коммунали | 10 461 | 9 742 |
| Хароҷоти обуна | 393 | 410 |
| Хайрия | - | 1 500 |
| Хароҷоти судӣ | 420 | 7 250 |
| Харочоти дигар | 7 638 | 1 313 |
| Итого: | **1 291 875** | **1 287 112** |

## 5.3 Андоз аз фоида

Мувофиқи сиёсати баҳисобгирии қабулгардида, барои ҳисоботи молиявӣ Фонд даромад ва хароҷотҳоро бо усули ҳисобу замкунӣ эътироф мекунад. Барои риоя ба талаботҳои Кодекси Андоз, фоидаи муҳосибӣ ба фарқиятҳои муваққатӣ ва доимӣ ислоҳ (тасҳеҳ) карда шудаанд.

| | Соли 2023 | Соли 2022 |
|---|---|---|
| **Фоидаи муҳосиби то андозбандӣ** | **77 340** | **126 607** |
| **Тасҳеҳи фоидаи муҳосибии то андозбанди барои фарқи доимӣ** | | |
| Истеҳлоки воситаҳои асосӣ | 15 388 | 18 593 |
| Фонди махсус аз рӯи дигар қарзҳо | 42 480 | |
| Фонди махсус - фоизҳои ҳисобшуда барои гирифтан | 4 578 | |
| Хароҷотҳои тарҳнашавандаи дигар | 26 065 | 25 411 |
| Тасҳеҳи дамомадҳо | 432 | |
| **Фоидаи тасҳеҳгардида то андозбанди** | **166 283** | **170 611** |
| Мизони андоз | 20% | 20% |
| **Хароҷоти андоз аз фоида** | **33 257** | **34 122** |

## ЭЗОҲИ 6. АМАЛИЁТҲО БО ИШТИРОКИ ТАРАФҲОИ АЛОҚАМАНД

Мувофиқи СБХМ (IAS) 24 «Ошкор кардани маълумот оиди ҷонибҳои вобаста» – ҷониби вобаста – алоқаманд мегардад, агар:

(a) чунин ҷониб бевосита ё бавосита, ба воситаи як ё зиёда миёнаравон:
  (i) корхонаро идора мекунад ё зери назорати он аст, ё агар корхона ва чунин ҷониб зери назорати умумӣ бошанд (ба ин ҷо корхонаҳои мабдай, корхонаҳои фаръӣ, ва корхонаҳои фаръии як корхонаи мабдай дахл доранд);
  (ii) дар корхона ҳиссае дорад, ки таъсири назарраси ӯро ба корхона таъмин мекунад; ё
  (iii)корхонаро якҷоя назорат мекунад;
(b) ҷониб корхонаи ассотсиатсияшудаи (чуноне ки дар СБХМ (IAS) 28 «Воситагузориҳо ба корхонаҳои ассотсиатсияшуда») ҳамин корхона аст;
(c) ҷониб фаъолияти якҷоя аст, ки корхона иштирокчии он аст (СБХМ (IFRS) 11 «Соҳибкории якҷоя»);
(d) ҷониб ба таркиби ҳайати робарикунанда ё корхонаи мабдаии он дохил мешавад;
(e) ҷониб хеши наздики яке аз шахсонест, ки дар п. (a) ё п. (d) зикр шудаанд;
(f) ҷониб корхонаест, ки таҳти назорат, назорати якҷоя ё таъсири назарраси ягон нафар аз шахсони дар п. (d) ё п. (e) зикршуда мебошад, ё чунин шахсон дар ҳамин корхона, бевосита ё бавосита, ҳуқуқи овоздиҳии назаррас доранд;
(g) ҷониб нақшаи мукофотҳоро баъди анҷоми фаъолияти меҳнатӣ барои кормандони корхона ё ягон корхонае ки ҷониби вобастаи корхона аст, муайян менамояд.

Дар давраи ҳисоботи чунин амалиётҳо бо иштироки тарафҳои алоқаманд дар Фонд ҷой доштаанд.

| № | Ному насаб | алоқа | Дода шуд | Маблағ | меъёр % | Мӯҳ-лат | Намуди қарз | Бакия ба 31.12.23 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳасанов Нуъмон | Аудитори дохили | 19.06.2023 | 7 000 | 18 | 12 | Истеъмолӣ | 2 750,00 |
| 2 | Норова Зарина | Сармуҳосиб | 16.02.2023 | 12 000 | 18 | 24 | Истеъмолӣ | 12 000,00 |
| 3 | Мирзовалиев Назирали | Аъзои Раёсат | 20.05.2022 | 20 000 | 18 | 36 | Истеъмолӣ | 9 455,00 |

## ЭЗОҲИ 7. ӮҲДАДОРИҲОИ ШАРТӢ

Мувофиқи исҳороти Роҳбарият, Фонд ба санаи 31.12.2022 Фонд ӯҳдадориҳои шартӣ надорад.

## ЭЗОҲИ 8. РӮЙДОДҲОИ БА АМАЛОМАДА БАЪД АЗ САНАИ МУАРРИФИИ ҲИСОБОТ

Баъди санаи ҳисоботи молиявӣ то санаи пешниҳоди ҳисобот ҳодисаҳои назаррасе, ки метавонанд ба ҳисоботи молиявӣ таъсир расонанд ба вуқӯъ наомадааст.

## ЭЗОҲИ 9. ХАВФҲО

### 9.1. Хавфи қарзӣ

Дар рафти фаъолияти худ Фонд ба хавфи қарзӣ дучор аст, ки ба саривақт пардохт нашудан ва ё нопурра пардохт карда шудани ӯҳдадории қарзӣ ва фоизҳои ҳисобшудаи он аз тарафи қарзгирандагон вобаста аст.

Дучоршавӣ ба хавфи қарзӣ бо роҳи мунтазам таҳлил намудани ҳолати пардохтпазирии мизоҷон ва қарзгирандагони потенсиалӣ оиди пардохт намудани ӯҳдадории қарзӣ ва фоизҳои ҳисобшудаи он идора карда мешавад.

Хавфи қарзӣ инчунин бо роҳи гирифтани гарави амвол ва кафолати фардию гурӯҳӣ идора карда мешавад. Ба сифати таъминоти гарав дороиҳои зерин баромад мекунад: тилло, амволи манқул ва ғайриманқул, кафолати аъзоёни гуруҳ ва шахсони алоҳида. Ба сифати кафолати шахсӣ ва гӯрӯҳӣ сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин, шартномаи кафолатӣ, амволи манқул ва ғайриманқули шахсони масули мизоҷон баромад мекунад.

### 9.2. Хавфи пардохтпазирӣ

Хавфи пардохтпазирӣ – хавфи пеш омадани мушкилот ҳангоми дарёфти маблағҳои пулӣ барои баргардонидани пасандозҳо ва пардохти ӯҳдадориҳо мебошад, ки бо воситаҳои молиявӣ ҳангоми расидани мӯҳлатҳои воқеии пардохти онҳо расидааст, алоқаманд мебошанд.

Фонд ба таври ҳаррӯза ба воситаҳои озоди пулӣ барои пардохти ӯҳдадориҳо, пардохти карзҳо ва дигар намуди талаботи ҷорӣ барои воситаҳои молиявии пардохтшаванда ба воситаҳои пулӣ ниёз дорад. Фонд назорати пардохтпазириро бо мақсади таъмини мавҷудияти воситаҳои пулии дар ҳар давраи зарурӣ барои пардохти ӯҳдадориҳои вобаста ба ҳаракати воситаҳои пулӣ ҳангоми расидани мӯҳлати пардохти онҳо, анҷом медиҳад. Воситаҳое, ки Фонд барои назорати пардохтпазири истифода мебарад, ташхиси пешбиниҳои ҳаракати воситаҳои пулӣ мебошад.

Назорати хавфи фоизӣ тавассути дар тавозун нигоҳ доштани мӯҳлати пардохти уҳдадориҳо ва дороиҳои Фонд амалӣ мегардад. Баҳогузории дурнамои андозаи хавфи фоизӣ барои ҳар як модда боиси он мегардад, ки барои ба ҳадди ақал расонидани таъсири он ба даромади ФҚХ чораҳои зарурӣ андешида шаванд, зеро коҳиш ёфтани даромадҳо ё зарарҳои мустақим метавонанд ба бадшавии нишондиҳандаи сармоя оварда расонанд.

Дар охири соли ҳисоботи Фонд ӯҳдадориҳои назаррасе надорад, ки боиси хавфи пардохтпазирии он гардад.

### 9.3. Хавфи асъорӣ

Аз сабаби оне, ки Фонд ба мизоҷон қарзро бо асъори милли медиҳад ва дар давраи ҳисоботи қарз аз дигар ташкилотҳои қарзӣ бо асъори хориҷӣ надошт хавфи асъории он паст мебошад.

Директор ____________ Абдуназаров У.Ш.

Сармуҳосиб ____________ Норова З. Х.